# 38037 - Оё зан дар даҳаи охир пурра бояд ба эътикоф бинишинад?

**савол**

Ман мусулмонзани нав ҳастам ва дар мавриди эътикофи зан саволе дорам. Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар масҷид, агар дар онҷо макони махсус барои занон бошад, ба эътикоф нишинад? Агар ин барояшон ҷоиз бошад, чанд рӯз метавонад ба эътикоф нишинад (3 ё 7 рӯз ё пурра даҳ рӯз) ?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки шуморо ба Ислом ҳидоят намуд. Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки имон ва ҳидояти шуморо афзун кунад.

Бале, барои зан ҷоиз аст, ки дар масҷид ба эътикоф нишинад, балки эътикоф барои мардону занон суннат аст.

Лутфан ба саволи (37698) нигаред.

Беҳтар аст, ки дар даҳаи охир пурра ба эътикоф нишинад, зеро ин амали паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад.

Бухорӣ (2026) ва Муслим (1172) аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ҳамсари паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то охири умри худ, дар даҳаи охири Рамазон ба эътикоф менишаст. Сипас ҳамсаронаш пас аз ӯ ба эътикоф нишастанд.

Агар мусулмон дар даҳаи охир пурра ба эътикоф нишаста натавонад, онгоҳ то ҳадди имкон, ду ё се рӯз ё бештар аз он ва ё камтар аз он, ҳатто як шаб ба эътикоф менишинад.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Эътикоф боқӣ мондан дар масҷид ба хотири тоати Аллоҳ таъоло аст, хоҳ муддати зиёд бошад ва ё кам, зеро то ҷое, ки медонам, барои муайян кардани муддати эътикоф ба як рӯз, ё ду рӯз ва ё бештар аз он далеле ворид нашудааст". Поёни сухан аз китоби "Фатово-ш-шайх Ибни Боз" (15/441)